НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҶОМЕАИ ДЕМОКРАТӢ

Таҳти ин унвон 4 ноябри соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Конференсияро муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Пажӯҳишгоҳ доктори илмҳои филологӣ, Обидҷон Маҳмудзода оғоз намуда, мавсуф аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардид: “Ин санади сарнавиштсози таърихӣ манфиатҳои олии миллат ва давлати соҳибистиқлоламонро инъикос намуда, Тоҷикистонро ба ҷаҳони мутамаддин ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ кард ва ба омили муҳимтарини кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеа мубаддал гардид”. Мушовири директор ва робитаҳои байналмиллалии Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои таърих, Раҷабов Саиднигмон дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар ташаккули ҷомеаи демократӣ» маърӯза намуда, аҳаммияти таърихию ҳуқуқии Конститутсияро дар ташаккули низоми давлатдории миллӣ, таҳкими асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди муносибатҳои демократӣ баррасӣ кард. Сипас, Назиров Назир, мудири шуъбаи фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои сиёсӣ, дар мавзуи «Конститутсия - сутунбунёди давлати миллӣ» суханронӣ намуда, нақши Қонуни асосиро дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди низоми сиёсиву ҳуқуқии кишвар мавриди таҳлил қарор дод. Дар ҷараёни конференсия масъалаҳои таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ, тарбияи шаҳрвандии насли наврас, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва нақши муассисаҳои илмию таълимӣ дар баланд бардоштани маърифати конститутсионии ҷомеа муҳокима гардиданд. Баргузории конференсияи мазкур дар Пажӯҳишгоҳ ба таҳкими маърифати ҳуқуқии кормандон, омӯзиши асосҳои конститутсионии давлатдорӣ ва рушди фаъолияти илмӣ-маърифатӣ дар самти тарбияи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.












КОНФЕРЕНЦИЯ ИЗМИ – НАЗАРИЯВИЙ
«Нақши Конституция
дар таъмини ҳуқуқи демократи»

